8255/1.6 «т» аз 31.07.2015

**Мақомоти ҳудудии андоз**
**Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ**

“Доир ба андозбандии суди саҳмияҳо”

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ҳангоми муаяйн намудани манбаҳои андоз доир ба андозбандии суди саҳмияҳо бояд аз муқаррароти банди 28 моддаи 17 Кодекси андоз истифода бурда ин манбаҳо тибқи моддаи 126 Кодекси андоз мавриди андозбандӣ қарор дода шавад.

Зери мафҳуми суди саҳмияҳо (дивидендҳо) - ҳама гуна тақсимоти восита ё молу мулки шахси ҳуқуқӣ байни иштирокчиёни (саҳмдорони) он, ба истиснои даромади дар шакли саҳмияҳои худро дар байни саҳмдорон тақсим намудани шахси ҳуқуқӣ-эмитент бадастовардаи иштирокчӣ (саҳмдор), ки он (тақсимот) таносуби фоизии (ҳиссаи) саҳмияҳои саҳмдоронро дар сармояи оинномавии (шарикии) шахси ҳуқуқӣ-эмитент тағйир намедиҳад, аз ҷумла:

а) даромаде, ки саҳмдор (иштирокчӣ) аз шахси ҳуқуқӣ - эмитент ҳангоми тақсимоти фоидаи ҳарсолаи баъди андозбандӣ боқимонда мутаносибан ба миқдори (ҳиссаҳои) саҳмияҳои саҳмдор дар сармояи оинномавии (шарикии) ин шахси ҳуқуқӣ гирифтааст. Агар **дар мӯҳлати шаш моҳи тақвимӣ пас аз соли ҳисоботӣ** доир ба истифодабарии фоидаи баъди андозбандӣ боқимонда қарори дахлдор қабул нашуда бошад, новобаста ба истифодабарии минбаъдаи он **барои мақсадҳои андозбандӣ фоидаи мазкур байни саҳмдорон (иштирокчиѐн) тақсимшуда ҳисобида мешавад** (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2015 №1188);

б) суди саҳмияе (дивиденде), ки саҳмдор (иштирокчӣ) таҳти дигар пардохтҳои пардапӯшшуда гирифтааст;

в) даромаде, ки саҳмдор (иштирокчӣ аз тақсими маблағ ва молу мулк тибқи тартиби аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ - эмитент харидани саҳмияҳои худ гирифтааст ва даромаде, ки саҳмдор (иштирокчӣ) аз тақсими молу мулки шахси ҳуқуқӣ ҳангоми барҳамдиҳӣ гирифтааст, бо тарҳи (дар ҳарду маврид) арзиши молу мулке (саҳмияҳое), ки муассис дар шакли саҳм ба сармояи оинномавӣ (шарикӣ) гузаронидааст, фаҳмида мешавад.

Аз ин бармеояд, ки ҳангоми аз тарафи андозсупоранда гузаронидани мӯҳлати қабули қарори дахлдор доир ба истифодабарии фоидаи баъди андозбандӣ боқимонда, яъне пас аз шаш моҳи тақвимӣ пас аз соли

ҳисоботӣ, новобаста ба истифодабарии минбаъдаи чунин фоида барои мақсадҳои андозбандӣ фоидаи мазкур байни саҳмдорон (иштирокчиён) тақсимшуда ҳисобида шуда, аз он бо меъёри 12 % андоз ҳисоб карда мешавад.

Дар мавриди аз тарафи андозсупоранда дар мӯҳлати муайяншуда қабул намудани қарори дахлдор доир ба истифодабарии фоидаи баъди андозбандӣ боқимонда, яъне тақсимоти чунин фоида ба фондҳои захиравӣ, рӯшди истеҳсолот, рӯшди соҳаи иҷтимоӣ, фонди суди саҳмияҳо, фонди оиномавӣ ва дигар намудҳои фондҳое, ки мувофиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва оиномаи андозсупорандагон, аз ҷумла қонунҳои амалкунанда муаяйн карда шудаанд ва танҳо дар мавриди истифодаи мақсадноки ин ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳо (ба истиснои фонди суди саҳмияҳо), мавриди андозбандӣ қарор дода намешаванд.

Дар акси ҳол, ҳангоми истифодаи ғайримақсадноки ин ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳо, аз ҷумла ҳангоми бақайди давлатӣ нагирифтани зиёдшавии фонди оиномавӣ, чунин маблағҳои ба фондҳо равона шуда, ҳамчун суди саҳмияе (дивиденде), ки саҳмдор (иштирокчӣ) таҳти дигар пардохтҳои пардапӯшшуда гирифтааст фаҳмида шуда, мувофиқ ба талаботи банди 28 моддаи 17 ва моддаи 126 Кодекси андоз пурра мавриди андозбандӣ қарор дода мешаванд. Ба мақомоти ҳудудии андоз дастур дода мешавад, ки бо мақсади назорати даромади муассисон(иштирокчиён) шахсони ҳуқуқӣ нисбат ба истифодабарии фоидаи софи баъди андозбандӣ боқимонда ва таъмини истифодабарии мақсадноки он тамоми чораҳоро андешида, ҳамзамон ҳангоми истифодаи имтиёзҳое, ки дар қисми 1 моддаи 126 Кодекси андоз пешбинӣ шудааст, маҳдудиятҳое, ки нисбати корхонаҳои резидентие,ки саҳом(иштирокчӣ) воқеъ дар минтақаи оффшорӣ мебошанд таҳти назорати доимӣ қарор диҳанд.

Сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандонро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, бо андозсупорандагон корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ доир намоянд. Ҳангоми қабули эъломияҳои андоз ва анҷом додани корҳои назоратӣ талаботи мактуби дастурии мазкурро ҳатман ба инобат гиранд.

Раис Н.Давлатзода